**ҚАРОРИ**
**маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 23 январи соли 2026, №74** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Каримов Бахромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ., тақризи муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Икромӣ Фазлиддин Нуриддин, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., профессор Ш.Раҳимзода, аъзоёни шурои диссертатсионӣ д.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. ва д.и.и., профессор Саидмуродзода Л.Ҳ., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Каримов Баҳромҷон Исматуллоевичро бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос сарфароз гардонад.

**Раисикунанда:**
**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Кошонова М.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 январи соли 2026.**